**«ТАСДИҚ КАРДА ШУД»**

Бо Қарори Раёсати Иттифоқи
адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «04» сентябри соли 2023

# Н И З О М Н О М А

***дар бораи низоми электронии мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ, ташкили феҳрастҳои онлайнӣ ва дигар коргузорӣ дар Иттифоқи адвокатҳо***

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**1.1** Низоми электронӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои дохилӣ ва қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳо оид ба раванди супоридани аъзоҳаққӣ ва хароҷоти маблағҳо, феҳрасти онлайнии узви Иттифоқи адвокатҳо, феҳрасти онлайнии шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ, коргузории Иттифоқи адвокатҳо ва мақомотҳои минтақавии он, коркард ва мавриди амал қарор дода шудааст.

**1.2** Низоми элекронӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зерин роҳандозӣ мегардад:

- таъмини шаффофияти раванди супоридани аъзоҳақии адвокатҳо ва хароҷоти маблағҳо тибқи сметаи хароҷот;
- ба танзимдарории раванди супоридани аъзоҳақӣ;
- таҳияи феҳрасти узви Иттифоқи адвокатҳо;
- таҳияи феҳрасти шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ;
- рушди раванди ҳамкориҳои Иттифоқи адвокатҳо ва зерсохторҳои он;
- таъмини коргузории Иттифоқи адвокатҳо ва воҳидҳои сохтории он;
- таъмини иҷрои талаботҳои қонун ва вазифаҳои оинномавӣ дар соҳаи адвокатура.

**1.3** Низоми электронӣ тавассути сервери маҷозӣ фаъолият карда, тартиби истифодаи он тибқи дастури истифодабаранда (ба тариқи видеоӣ, ки дар сомонаи низом мавҷуд аст) амалӣ мешавад.

**1.4** Низоми электрониро администратор (муттасадӣ оид ба сомона), ки ба ӯ вазифаи амалӣ намудани ҳамаи ҷузъҳои низоми электронӣ вобаста карда мешавад, идора менамояд.

**1.5** Вазифаи мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ ва истифодаи дигар ҷузъиётҳои низоми электронӣ ба доираи маҳдуди субъектҳо, яъне шахсони масъул дода мешавад.

**1.5.1** Администратор ва масъулони низоми электронӣ дар асоси рамз ва калиди пешниҳодшуда ба он дастрасӣ пайдо менамоянд.

**1.6.** Зимни амалӣ намудани вазифаҳои худ администратор ва дигар шахсони масъул ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”, Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо, Кодекси одоби касбӣ, низомномаи мазкур ва дигар санадҳои дохилӣ така менамоянд.

**1.7** Ҳамоҳангсозии низоми электронӣ, назорат аз болои идора ва иҷрои Низомномаи мазкур ба зиммаи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо вогузор карда мешавад.

**1.8** Низоми электоронӣ аз панҷ самт иборат аст:

- мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ

- фехрасти онлайнии узви Иттифоқи адвокатҳо
- фехрасти онлайнии шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ
- коргузории Иттифоқи адвокатҳо ва зерсохторҳои он;
- мониторинги раванди хароҷоти маблағҳо тибқи сметаи хароҷот.

## 2. МОНИТОРИНГИ РАВАНДИ СУПОРИДАНИ АЪЗОҲАҚҚӢ ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ОН

**2.1.** Мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ тавассути низоми электронӣ, усули пайваста назорат бурдан ва бартараф намудани вайронкуниҳои муҳлат ва тартиби супордани аъзоҳаққӣ аз ҷониби адвокатҳо, инчунин механизми таъмини шаффофият зимни супоридани аъзоҳаққиҳо ва хароҷотҳо тибқи сметаи хароҷот мебошад.

**2.1.1** Самти мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- рӯз, моҳ ва соли пардохти аъзоҳаққӣ аз ҷониби адвокати дахлдор;
- маблағҳои аъзоҳақии супоридаи ҳар як адвокат ба суратҳисоби Иттифоқи адвокатҳо;
- рақами телефони мобилии ҳар як адвокат;
- маълумот аз манбаи маълумоти суратҳисоби бонкии Иттифоқи адвокатҳо оиди пардохти аъзоҳаққиҳо мутаносибан ба ҳар як мақомоти минтақавӣ;
- имконияти аз ҷониби адвокат санҷидани тавозуни худ оид ба супоридани аъзоҳаққӣ дар низом аз рӯи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА).

**2.1.2** Ба пешниҳоди маълумоти банди 2.1.1 низомномаи мазкур мақомотҳои минтақавӣ масъуланд.

**2.2** Андозаи муайяншудаи аъзоҳаққӣ ҳармоҳа на дертар аз санаи 5-уми моҳи оянда аз ҷониби адвокат ба суратҳисоби Иттифоқи адвокатҳо тавассути филиалҳо, марказҳои хизматрасонӣ ва ё дигар имкониятҳои электронии “Амонатбонк” пардохт карда мешавад.

**2.3** Раванди пардохти аъзоҳақии адвокатҳо тавассути низоми электронӣ (сомонаи http://takmil.tj:80/nii/), ки ба манбаҳои электронии “Амонатбонк” пайваст шудаанд, идора карда мешавад.

**2.4** Самти мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққии низоми электронӣ ба интернет бонкинг (имкониятҳои пардохти ғайринақдии Амонатбонк) пайваст карда мешавад, ки зимни супоридани аъзоҳақиҳо, ба таври онлайнӣ ба низом иттилоотро ворид намуда, имконияти мониторингро фароҳам меорад. Дар ҳолати супоридани аъзоҳаққӣ, аз ҷониби Амонатбонк, ба адвокат паёмак ирсол карда мешавад.

**2.5** Дар бораи шарту шароити хизматрасониҳои бонкӣ тавассути низоми электронӣ байни Иттифоқи адвокатҳо ва бонки зикршуда шартномаи дахлдор баста шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн зимни амалӣ намудани он муайян карда мешавад.

**2.6.** Раванди супоридани аъзоҳаққӣ аз ҷониби аъзои Раёсати ваколатдоршуда, Комиссияи ревизионӣ, муҳосиботи Иттифоқи адвокатҳо, Раисони мақомотҳои минтақавӣ ва коргузорони онҳо назорат ва санҷида мешавад.

**2.7** Дар сурати ошкор шудани қарздории адвокатҳо, бо онҳо дар робита шуда, талаби супоридани аъзоҳаққӣ пешниҳод шуда, дар сурати зиёда аз се моҳ насупоридани он санади дахлдор таҳия шуда, ба сохторҳои лозимаи Иттифоқи адвокатҳо ҷиҳати чораандешӣ ирсол карда мешавад.

**2.8** Самти мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ ва хароҷоти маблағ ҳангоми санҷишҳои комиссияи тафтишотӣ сарчашмаи маълумоти саҳеҳ мебошад.

**2.9** Зимни тағйир ёфтани маълумот оид ба адвокат, дар пойгоҳи мониторинги раванди супоридани аъзоҳаққӣ аз ҷониби администратор маълумоти зарурӣ илова карда мешавад.

## 3. ФЕҲРАСТИ ОНЛАЙНИИ УЗВИ ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲО

**3.1** Дар низоми электронӣ феҳрасти онлайнии узви Иттифоқи адвокатҳо таҳия шудааст, ки он мутаносибан маҷмӯи маълумот дар бораи адвокатҳоро дар бар мегирад, ки мақсади он аз мунтазам навоварӣ кардани маълумот оид ба фаъолият, дарҷи мукофотҳо, муҷозотҳо, такмили ихтисос ва дигар иборат аст. Аз ҳама муҳим ба роҳ мондани робита бо адвокатҳо мебошад.
**3.2** Саҳифаи мазкур аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- рақами тартибӣ;
- ном, насаб ва номи падар, ки дар он маълумот дар бораи ҳар як адвокат дарҷ мешавад;
- сана, моҳ ва соли таваллуди адвокат;
- санаи ба узвият дохил шудан, ки дар он рӯз, моҳ ва соли ба узвияти Иттифоқи адвокатҳои ҶТ дохил шудани адвокатро нишон медиҳад;
- асосҳои боздоштани мақом, ки дар он рӯз, моҳ ва соли боздоштани мақоми адвокат нишон дода мешавад;
- санаи аз узвият хориҷ шудан, ки дар он рӯз, моҳ ва соли аз узвияти Иттифоқи адвокатҳои ҶТ хориҷ шудани адвокатро нишон медиҳад;
- муҷозотҳо, ки дар он рӯз, моҳ ва соли додани муҷозот ба адвокатро нишон медиҳад;
- собиқаи корӣ, ки дар он собиқаи кории адвокат нишон дода шудааст;
- мукофотҳо, ки дар он рӯз, моҳ, шакл ва соли додани мукофот ба адвокатро нишон медиҳад;
- телефон, ки дар он телефони мобилии ҳар як адвокати Иттифоқи адвокатҳои ҶТ нишон дода шудааст.

**3.3** Барои ба таври мунтазам ворид кардани иттилоот оид ба узви Иттифоқи адвокатҳо ва маълумотҳои зарурии он ба феҳраст, администратор масъул аст.
**3.4** Феҳрасти узви Иттифоқи адвокатҳо ба зерсохторҳои он дастрас мегардад.

## 4. ФЕҲРАСТИ ОНЛАЙНИИ ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ

**4.1** Самти алоҳидаи низоми электронӣ пешбурди онлайнии феҳрасти шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсади он муназзам кардани робита бо онҳо мебошад.
**4.2** Феҳрасти онлайнии шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ аз ҷузъиётҳои зерин иборат аст:

- шумора ва номгӯи ҳама намуди шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ;
- суроғаи шаклҳои ташкили фаъолияти адвокатӣ;
- ном, насаб ва номи падари роҳбари ташкилоти адвокатӣ;
- рақами телефони роҳбари ташкилоти адвокатӣ ва почтаи электронӣ.

**4.3** Бо мақсади мукаммал будани феҳраст, адвокат уҳдадор аст дар хусуси шакли ташкилии интихобнамуда ва ё тағйироти бамиёномада оид ба он, дар муҳлатҳои муқарраршудаи қонун, мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро огоҳ намояд. Дар навбати худ, мақомоти минтақавӣ, оид ба ин маълумоти лозимаро ба Иттифоқи адвокатҳо ирсол менамояд.

## 5. КОРГУЗОРИИ ИТТИФОҚИ АДВОКАТҲО ВА ЗЕРСОХТОРҲОИ ОН

**5.1** Дар низоми электронӣ самти коргузории Иттифоқи адвокатҳо ва зерсохторҳои он ҷойгир карда мешавад, ки  мақсади он танзими мубодилаи ҳуҷҷатгузории байни Иттифоқи адвокатҳо ва воҳидҳои сохтории он мебошад.

**5.2** Самти коргузорӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- мубодилаи ҳуҷҷатҳо ва ирсоли номаҳо;
- онлайн видео конференсия;
- манбаи маълумот.

**5.3** Ҷузъи “мубодилаи ҳуҷҷат ва ирсоли номаҳо” аз ҳуҷҷатҳои воридшуда, ҳуҷҷатҳои равонкардашуда ва равон кардани ҳуҷҷат иборат мебошад.
**5.4** Самти “онлайн видео конференсия” барои алоқаи видео-конференсия (сомонаи https://vc.takmil.tj:5443/openmeetings ) байни Иттифоқи адвокатҳо ва зерсохторҳои он пешбинӣ шудааст. Ба видеоконференсия субъектони бақайдгирифта ворид карда мешаванд.
**5.5** Ҷузъи  “манбаи маълумот” ҳамаи он ҳуҷҷатҳо ва файлҳои дар зерсаҳифаҳои  “Ҳуҷҷатҳои ворид шуда” ва “Ҳуҷҷатҳои равон карда шуда” мавҷудбуда,  инчунин дигар ҳуҷҷатҳои ба низом  ворид карда шударо дар  бар гирифта, дар худ нигоҳ медорад.
**5.6** Ба сифати масъулони коргузорӣ дар ин самт Раиси Иттифоқи адвокатҳо ва  Раёсати он, кормандони масъули Иттифоқ, Расони мақомотҳои минтақавӣ ва коргузорҳои онҳо, инчунин Директори маркази такмили ихтиоси адвокатҳо ҳисобида мешаванд.

## 6. МОНИТОРИНГИ РАВАНДИ ХАРОҶОТИ МАБЛАҒҲО ТИБҚИ СМЕТАИ ХАРОҶОТ

**6.1** Мониторинги раванди хароҷоти маблағҳо (функсионали иловагии техникии низоми электронӣ), пас аз ворид кардани чунин ҷузиёт мавриди амал қарор мегирад.

## 7.МУҚАРРАРОТИ  ХОТИМАВӢ

**7.1.** Низомномаи мазкур ва фаъолияти низоми электронии Иттифоқи адвокатҳо аз 1 октябри соли 2023 маврид амал қарор дода шавад.
**7.2** Тағйирот ва  иловаҳо ба низомномаи мазкур бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ карда мешавад.